МАЪРИФАТ, АДОЛАТ, САДОҚАТ, ҚОНУНИЯТ

# НАБЗИ МИЛИТСИЯ

№4 (94),
АПРЕЛИ СОЛИ 2023
www.avkd.tj
avkdtj@mail.tj

НАШРИЯИ АКАДЕМИЯИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Зикри масъалаҳои ҷинояткорӣ дар Паёми Пешвои миллат



Яке аз масъалаҳои мубраме, ки боиси нигаронии на танҳо Тоҷикистон, балки кулли кишварҳои ҷаҳон шудааст, ташкил ва фаъол гардидани ҳар гуна гурӯҳҳои террористию экстремистӣ мебошад. Дар робита ба ин Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин ибрози назар карданд:

"Имрӯзҳо гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ барои даъват ва ҷалб намудани шаҳрвандон ба сафҳои худ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ роҳу усулҳои навро истифода карда, ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳро бо ғояҳои тундгарои гумроҳ месозанд".

*Тафсилоти мавзӯъ дар саҳ.2*

## Факултети №4 соҳиби бинои иловагии таълимӣ мешавад



Дар рӯзҳои таҷлил аз Ҷашни байналмилалии Наврӯз, бо иштироки Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро ва Раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода ба корҳои сохтмонии бинои иловагии таълимӣ дар факултети №4 оғоз бахшида шуд.

Бинои иншоот дар масоҳати умумии 4300 метри мураббаъ аз таҳхонаву шаш ошёна иборат буда, дар он тамоми инфрасохтори зарурӣ ба нақша гирифта шудааст.

Аз ҷумла, бинои таълимӣ аз 17 синфхонаи фанниву таълимӣ, толори маҷлисӣ бо 500 ҷойи нишаст, ҳуҷраҳои кории муаллимон, ошхона бо ғунҷоиши 220 нафар дар як вақт ва хобгоҳ барои 200 нафар иборат хоҳад буд. Ҳамчунин, дар саҳни бино бунёди майдони сафороӣ, майдончаи варзишӣ, ҳавзи шиноварӣ, нуқтаи гармидиҳӣ, амборхона ва дигар иншооти ёрирасон ба нақша гирифта шудааст.

Зимни суханронӣ Вазири корҳои дохилӣ ва Раиси вилояти Суғд таъкид карданд, ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир гардида, барои ҳайати шахсии он шароити корӣ беҳтар шуда истодааст.

# Зикри масъалаҳои ҷинояткорӣ дар Паёми Пешвои миллат

Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки 23 декабри соли 2022 "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ" ироа гардид, дар рафти он доир ба масъалаҳои мубрами дохилӣ ва берунии кишвар изҳори назар карда шуд.

Дар ин паём Президенти кишвар қайд намуданд, ки ба шарофати заҳмати содиқонаи мардуми кишвар раванди созандагиву ободкорӣ бомаром идома ёфта, иқшаву барномаҳои пешбинигардида ҷиҳати таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии сокинони мамлакат ҳадафмандона амалӣ карда шуданд.

Тавре ба ҳамагон маълум аст, солҳои охир вазъи сиёсиву иқтисодии ҷаҳон мураккаб гардида, ҳоло инсоният дар давраи ниҳоят ҳассос ва душвортарини таърихи қариб сад соли охири худ қарор дорад.

Аз ҷумла, дар панҷ соли охир таъсири манфии бархӯрдҳои геосиёсӣ, низоъҳои тиҷоратӣ, паҳншавии беморихои сироятӣ, инчунин пайомадҳои тағйирёбии иқлим ба иқтисоди кишварҳои ҷаҳон шиддат ёфта, мусаллаҳшавии бошитоб ва огоҳи марҳалаи "ҷанги сард" боиси халалдор шудани низоми муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратии байни давлатҳо ва ба вуқӯъ омадани бухрони ҷаҳонии иқтисодӣ гардид.

Дар ин замина, тавре таъкид гардид, яке аз масъалаҳои мубраме, ки боиси нигаронии на танҳо Тоҷикистон, балки кулли кишварҳои ҷаҳон шудааст, ташкил ва фаъол гардидани ҳар гуна гурӯҳҳои террористию экстремистӣ мебошад. Дар робита ба ин Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин ибрози назар карданд: "Имрӯзҳо гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ барои даъват ва ҷалб намудани шаҳрвандон ба сафҳои худ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ роҳу усулҳои навро истифода карда, ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳро бо ғояҳои тундгарои гумроҳ месозанд".

Дар тақвияти ин суханон қайд кардан зарур аст, ки дар нишасти охири матбуотии худ, ки онро хабаргузории давлатии "Ховар" нашр кардааст, Прокурори генералии ҷумҳурӣ Юсуф Раҳмон оид ба тамоюли афзоиши ҷиноятҳои террористию экстремистӣ иттилоъ дод, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи шаш моҳи охир ҳолатҳои экстремистӣ афзоиш ёфтааст. Ба гуфтаи ӯ, экстремизм ва терроризм хатарҳои асосии ҷаҳони муосир буда, мубориза бар зидди онҳо вазифаи муҳимтарини сохторҳои қудратӣ ба ҳисоб меравад.

- Дар нимсолаи аввали соли 2022 теъдоди ҷиноятҳои террористӣ ва экстремистӣ ба 720 расида, чунин ҷиноят ошкор ва ба қайд гирифта шудаанд, - изҳор дошт Юсуф Раҳмон. Яъне ин нишондод нисбат ба нимсолаи аввали соли 2021-ум 106 ҳолат зиёд мебошад.

Хотиррасон менамоем, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо аз афзоиши хулқу хӯи ифротгароёна ва террористӣ дар миёни ҷавонон изҳори нигаронӣ кардаанд. Аз ҷумла, моҳи феврали соли 2015 Сарвари давлат изҳор дошта буданд, ки афзоиши экстремизм дар кишвари мо, бахусус миёни ҷавонон нигаронкунанда аст.

"Меҳоҳам аз афзоиши экстремизм дар кишварамон ва ҷораҳои нокифояи муассири мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои мубориза ба ин падидаи хатарнок изҳори нигаронӣ намоям", - қайд карданд Роҳбари давлат дар ҷаласаи Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 17 феврали соли 2022.

Терроризму экстремизм ба хатари ҷаҳонӣ табдил ёфтаанд. Мо микёси амалҳои террористӣ ва оқибатҳои даҳшатноки онро ҳамарӯза тавассути телевизион ва дигар расонаҳои интернетӣ мебинем. Барои мубориза бо зуҳуроти мазкур сохторҳои қудратӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамкории зичу муосирро ба роҳ монанд, то бо ин роҳ аз ҳолатҳои шомил шудани ҷавонон ба гурӯҳҳои мухталифи террористиву экстремистӣ пешгирӣ карда шавад.

Албатта, аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ вобаста ба пешгирии чунин амалҳои зишту нанговар тадбирҳои мушаххас амалӣ мегарданд, вале, як сохтор ва ё як мақоми давлатӣ ба танҳоӣ наметавонад кулли ҷомеаро тағйир диҳад. Дар ин раванд тамоми қишрҳои ҷомеа, махсусан ҷавонон бояд маърифати созанда дошта бошанд, бояд ҳар як идораву муассиса, ҳар як фарди худогоҳу ватандӯст, ҳар кадоми мо даст ба дасти ҳам ниҳода, дар ҳамбастагӣ он ҷавононеро гумроҳро, ки самти хаторо интихоб кардаанд, ба шоҳроҳи мунаввар барорем.

Барои касе пӯшида нест, ки имрӯз дастовардҳои муосири технологӣ дар баробари осон намудани фаъолият дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт шароитро барои роҳандозӣ намудани шаклу шеваҳои гуногуни расонидани зиён ба худи инсоният низ фароҳам сохтаанд.

Дар ниҳояти калом ва хулосаи он гуфтан мехоҳам, ки барои пешгирӣ намудани ҳолатҳои шомилшавии ҷавонон ба сафҳои ин гуна ҳаракату гурӯҳҳои тундрави хатарзо даъват намудани ин қишри ояндасози ҷомеа ба хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ беҳтарин мактаби ҷавонмардӣ махсуб меёбад. Уме даст, к ибо ин роҳ онҳо дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарварӣ ва худшиносиву худогоҳӣ тарбия хоҳанд ёфт ва барои ин ҳама шароит муҳайё мебошад.

*Н. Абдусатторзода,*
*Ё. Ҳасанова,*
*омӯзгорони кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети №4*

# МАВЗӮЪ: Истифодаи қувваи ҷисмонӣ ҳангоми дастгиркунӣ





Ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ яке аз ҳуқуқҳои бунёдӣ ва фитрии шахсии (шаҳрвандии) инсон аст ва он ба ҳуқуқҳои насли якум тааллуқ дорад. Ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ аз ҷониби давлат ҳимоя шудани ҳар як одамро аз тааррузи ҳар касе ба ҳаёт, саломатӣ, озодӣ, амнияти шахсӣ, шараф ва қадру қимати ӯ дар назар дорад. Амнияти шахсӣ маънии набудани зӯроварии ғайриқонунӣ ё таҳдиди зӯроварӣ ба шахсият ва бовар доштани шахсият ба оромӣ, имконияти иштирок кардан дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро дорад. Яке аз масъалаҳои мубрами имрӯза ин истифодаи қувваи ҷисмонӣ ҳангоми дастгиркунӣ мебошад, ки мутахассисон ва олимон ба он диққати махсус бояд диҳанд. Чунин аст, ки дар Академия конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи "Истифодаи қувваи ҷисмонӣ ҳангоми дастгиркунӣ" баргузор шуд.

Бо сухани ифтитоҳӣ сардори Академия, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ баромад карда, қайд намуд, ки таъмини дахлнопазирии ҷисмонӣ, рӯҳонӣ, маънавии шахсиятро давлат кафолат медиҳад. Аммо бо назардошти манфиатҳои шахсият, ҷомеа ва давлат дар баъзе ҳолатҳо маҳдудсозии ҳуқуқҳо ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ имконпазир аст. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқҳо, шартҳо ва тартиби чунин дахолатро муайян мекунаду таҳким мебахшад, ҳуқуқи инсонро ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсият дастгиру ҳабс кардан маҳдуд месозанд.

Дар рафти он маърӯзаҷиён аз Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон, Донишкадаи сарҳадии КДАМ, Мактаби олии КДАМ, инчунин аз ВКД ва худи Академия масъалаҳои гуногун, аз қабили дастгиркунии вокеъ ва мурофиавӣ, асосҳои ҳуқуқии истифодабарии қувваи ҷисмонӣ ҳангоми дастгиркунӣ, шартҳо ва ҳудудҳои истифодаи қувваи ҷисмонӣ, техникаи махсус ва силоҳи отшфишон аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, такмили усулҳои самбо ва амалигардонии онҳо дар вақти дастгиркунӣ ва ғайраро баррасӣ намуданд.

*Ш. Убайдуллоев,*
*полковники милитсия*

## Тағйироти кадрӣ

Бо фармони Вазири корҳои дохилӣ дар Академия як қатор тағйироти кадрӣ гузаронида шуд.

Аз ҷумла, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия Насуриён П.А., ки то ин вақт дар вазифаи муовини аввали сардори Академия кор мекард, ба вазифаи сардори Коллеҷи милитсияи ВКД бо қароргоҳ дар шаҳри Кӯлоб; полковники милитсия Ализода А.Ш., ки то ин замон дар вазифаи муовини сардори Академия оид ба низом фаъолият менамуд, муовини аввали сардори Академия ва полковники милитсия Собирзода А.Ҷ., ки то ин вақт муовини сардори факултети №6 буд, ба вазифаи муовини сардори Академия оид ба низом таъин гардиданд.

Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро ба сардори Академия генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ ба кадрҳои болаёқати навтаъингашта дар вазифаҳои масъулиятнок комёбиҳои нав ба нав орзу намуданд.

# Пайравони Пешвои миллатем!



Беҳтарин неъмате, ки миллати тоҷик дар замони соҳибистиқлолии давлатдории миллии худ соҳиб гардидааст, таъмини сулҳу осоиш ва таҳкими Истиқлол мебошад. Маҳз ҳамин дастовардҳои беназири миллӣ буданд, ки дар тамоми самтҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, алалхусус дар масъалаи дастгирии қишри ояндасози ҷомеа, яъне ҷавонон, дигаргуниҳои чашмрас ба даст омадаанд.

Албатта, ҷавонон қувваи бузург ҳастанд ва ҳар миллат дар ҳар давру замон аз ҷавонони худ умеди калон мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ метавон гуфт, ки масъалаи тарбияи ҳамаҷонибаи ҷавонон, шахсан дар маркази диққати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Далели ин гуфтаҳо қабул гардидани як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон", Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва қабул гардидани чандин барномаҳои давлатӣ дар самти дастгирии ҷавонон буда метавонанд.

Бо таваҷҷуҳ ба ин мавзӯъ дар яке аз паёмҳои худ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин зикр намуданд: "Мо аз ҷавонон умеди калон дорем, зеро дар оянда масъулияти давлатдорӣ ва рушди кишвар бар уҳдаи онҳо меафтад".

Бо ин гуфтаҳои хеш Роҳбари давлат дар симои ҷавонони кишвар ояндаи миллати таърихиро мебинанд, ки албатта ин омил аз ҳар ҷавони худогоҳи меҳани азизамон, зиракиву масъулиятшиносбуданро тақозо менамояд.

Бояд қайд намуд, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар марҳилаи мураккаби таърихи давлату миллат масъулияти роҳбарии кишварро ҷасурона ба даст гирифта, бо талошу иродаи бемисл боиси начоти киштии шикастаи давлатдории тоҷикон шуданд. Дар натиҷа, Тоҷикистон на танҳо ҳамчун давлат наҷот ёфт, балки ба як силсила дастовардҳое ноил гардид, ки омӯзиш ва ҳифзи онҳо, пеш аз ҳама қарзи имониву инсонии ҳар фарди бедордил, алалхусус ҷавонон мебошад.

Имрӯз бошад, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шароити ниҳоят мураккаби сиёсию амниятии минтақаву ҷаҳон Тоҷикистонро чун узви сарбаланди ҷомеаи ҷаҳонӣ бо камоли масъулият муаррифӣ менамоянд.

Тавре маълум аст, мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон зери роҳбарии Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро, бо мақсади татбиқи амалии дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар ин самт бо ҷавонон ва умуман донишҷӯёни худогоҳи кишвар дар бахши таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва мубориза бар зидди ҷиноятҳорӣ ҳамкории зич намуда, масъалаи мазкурро яке аз бахшҳои муҳими фаъолияти хизматӣ ҳисоб намуда, дар ин ҷода корҳои зиёдеро анҷом медиҳанд.

Аммо сарфи назар аз ҳамаи он комёбиву пешравиҳо, ки бо талошҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти дастгирии ҳамаҷонибаи ҷавонон ба даст омадааст, инчунин баъзан мушкилоте низ миёни ин қишри ҷомеа пеш меоянд, ки наметавон аз ибрози онҳо худдорӣ кард. Ин ҳам бошад, пеш аз ҳама шомилшавии баъзе ҷавонони дорои андешаи маҳдуд ба гурӯҳҳои террористиву ифротгаро ва даст задан ба шаклҳои дигари ҷиноятҳорӣ мебошад.

Бо назардошти ин омил ҳар як фарди худогоҳи ҷомеа, алалхусус мо, ҷавонони закии ин ватанро зарур аст, ки ҳарчи бештар қобилияту истеъдоди худро дар муқовимат ба чунин зуҳуроти манфӣ сарф намуда, фарзанди содиқу вафодори меҳану миллати хеш бошем.

***Фозилҷон Гурезов,***
***курсанти курси 4 факултети №2***

# Иштироки курсантон дар конференсияи байналмилалӣ

Илм сарҳадҳоро васеъ намуда, олимони ҷавони ҷаҳонро ба ҳам наздик мекунад. Дар ин замина, ҳамкории Академия бо муассисаҳои таълимии кишварҳои дуру наздик низ марзҳоро васеъ менамояд. Ҳамин аст, ки санаи 14-уми апрел олимони ҷавони Академия дар симои курсантон, дар кори конференсияи илмӣ-назариявии умумироссиягии сатҳи байналмилалӣ, таҳти унвони "Актуальные вопросы права в условиях цифровизации общества", ташкилкунандаи он Донишкадаи (филиали) Донишгоҳи Россиягии дӯстии халқҳои ба номи Патрис Лумумба дар шаҳри Сочи, дар шакли онлайн фаъолона иштирок намуданд.



Бо сухани ифтитоҳӣ директори донишкадаи мазкур А.И. Петенко, роҳбари илмии донишкада, номзади илмҳои иқтисодӣ Н.И. Козлова, прокурори шаҳри Сочи Я.М. Коган ва аз тарафи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини сардори ин таълимгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Р.Р. Раҳмадҷонзода баромад намуданд.

Дар ҷараёни конференсия ду нафар курсанти курси 4 факултети №2 Фурӯғ Мӯсоева дар мавзӯи "Преступления в сфере информационной безопасности: понятие и законодательное закрепление" ва Амирҷон Ҳалимов дар мавзӯи "Преступления в сфере цифровых и инфор-



мационно-телекоммуникационных технологий и меры по их противодействию" зери сарварии роҳбари илмиашон - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия А. Арипов маърӯза намуданд.

Дар рафти конференсия бо маърӯзаҳои илмӣ, ҳамчунин курсантону шунавандагон аз муассисаҳои таълимии Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Қазоқистон иштирок намуда, оид ба масъалаҳои гуногуни мубрами давлатҳои худ маърӯзаҳои ҷолиб карданд.

Бояд гуфт, бори аввал аст, ки Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин муассисаи таълимии Россия ҳамкориҳоро ба роҳ монд. Аз ин рӯ, умед карда мешавад, ки таҳкими минбаъдаи равобити тарафайни илмӣ дар минбаъда устувортар хоҳанд шуд.

***Лилия Каримова,***
***полковники милитсия***

Интуитсия барои он ба зан дода шудааст, ки ӯ аз майлу хоҳиши мард, ки худи вай намедонад, воқиф шавад.

Жан Делакур



# Масъалаҳои мубрами фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ



Дар ҷодаи ҳамкориҳои дутарафа ва мувофиқи Барномаи мақсадноки Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишкадаи ҳуқуқшиносии ВКД Федератсияи Россия дар шаҳри Ростови лаби Дон, рӯзи 14-уми апрел конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи "Масъалаҳои мубрами фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ" тариқи маҷозӣ баргузор гардид.

Масъалаи мазкур дар Академия мавриди омӯзиш қарор ёфта, мавзӯи илмӣ таҳти унвони "Проблемаҳои амалия ва назарияи модернизатсияи фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки аз буҷаи давлатӣ маблағгузорӣ карда мешавад, гузаронида шуда истодааст.

Бо сухани ифтитоҳӣ муовини сардори донишкадаи номбурда оид ба корҳои илмӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Пахомов Сергей Василевич баромад намуд.

Аз номи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кори конференсияи онлайнӣ сардори кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети №2, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, майори милитсия Ализода Н.Д. бо маърӯза дар мавзӯи "Ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ" баромад кард.

Дар кори конференсия оид ба масъалаҳои гуногуни фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, ҳуқуқшиносон ва профессорону омӯзгорони низоми мақомоти корҳои дохилии Озарбойҷону Қазоқистон ва Қирғизистону Россия маърӯза намуданд.

# Ҳамкориҳои байналмилалӣ таҳким меёбанд

13-уми апрел мутахассисон ва курсантони Академия дар онлайн-тренинги фосилавӣ дар мавзӯи "Методологияи муайянсозӣ ва гурӯҳбандии ҷинояткорон дар гузаргоҳҳои сарҳадӣ", ки ташкилкунандаи он Барномаи мусоидат дар идоракунии сарҳадот дар Осиёи Марказӣ ва Афғонистон (ВОМСА 10) буд, иштирок намуданд. Дар рафти тренинг иштирокчиён аз наздик бо таҷрибаи кории кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Қазоқистон дар самти пешгирии ҷинояткорӣ дар сарҳадот шинос шуда, дар дарсҳои амалие, ки кормандони Академияи ВКД Ҷумҳурии Қазоқистон дар шаҳри Қарағанда гузарониданд, фаъолона иштирок намуданд.




Мақсади асосии барномаи мазкур афзоиши амният ва субот дар минтақа бо роҳи мусоидат ба рушди устувори иқтисодӣ тавассути идоракунии сарҳад мебошад ва айни замон тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Афғонистонро дар бар мегирад. Бояд қайд намуд, ки Барномаи мазкур бо Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории зич дорад ва оид ба масъалаҳои марбут ба мубориза алайҳи савдои одамон, киберҷиноятҳо, экстремизму терроризм, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва ғайра тренингу семинарҳои омӯзишӣ мегузаронад.

## Сарватҳои табиат, вазъи экологӣ ва роҳҳои ҳифзи онҳо

Санаи 12-уми апрел конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзӯи "Сарватҳои табиат, вазъи экологӣ ва роҳҳои ҳифзи онҳо" дар толори Шӯрои диссертатсионии Академия бо иштироки ҳайати профессорону омӯзгорон ва курсантон баргузор гардид.

Дар идомаи он муовини директор оид ба илми Муассисаи давлатии илмии Маркази омӯзиши пиряхҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Фарҳод Насруллоев дар мавзӯи "Тоҷикистон пешоҳанги масоили ҳифзи пиряххо дар ҷаҳон", ходими калони илмии қисми таълимии шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД полковники милитсия Бозоралӣ Асламов дар мавзӯи "Геополитикаи об ҳамчун сарвати табиӣ", сардори факултети №5 майори милитсия Меҳрулло Нуруллозода дар мавзӯи "Ҳифзи пиряххо ва мавқеи мушкилоти глобалӣ вобаста ба об дар ҷаҳони муосир", муаллими кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии мақомоти корҳои дохилии факултети №2 лейтенанти калони милитсия Муҳаммад Ҳабибов дар мавзӯи "Тағйирёбии иқлим ва иқдомҳои пешгирифтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бартараф намудани оқибатҳои он", курсантони факултети №5, сержанти хурди милитсия Амина Мукимова дар мавзӯи "Об барои рушди устувор" ва милитсияи қаторӣ Ҷонибек Ғуломзода дар мавзӯи "Нақши мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳифзи табиати Ҷумҳурии Тоҷикистон" бо маърӯзаҳои пурмуҳтаво баромад намуданд.



Қисмати музокиравии конференсия бо додани саволҳои зиёд оид ба масъалаҳои инъикосгардида ва посухҳои маърӯзачиён ба ин саволхо гузаронида шуд.

*Азимӣ У.А.*



## Лексия дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ

Дар ҷодаи ҳамкориҳои дутарафа ва мувофиқи иҷрои бандҳои дахлдори Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ва фаъолияти илмие, ки 26 апрели соли 2018 байни Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишкадаи ҳуқуқшиносии ВКД Федератсияи Россия дар шаҳри Барнаул ба имзо расидааст, санаи 10-уми апрел дарс дар шакли маҷозӣ барои курсантони курси 4 факултети №2 дар мавзӯи "Истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар исботкунӣ дар парвандаи ҷиноятӣ" баргузор гардид, ки лектори он дотсенти кафедраи мурофиаи ҷиноятии Донишкадаи ҳуқуқшиносии ВКД Федератсияи Россия дар шаҳри Барнаул, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники политсия Широва Элмира Холиқовна буд.

Лексия дар сатҳи баланд гузашт ва курсантон маълумоти наву шавқовар аз худ намуданд.

Дар охири лексия курсантон ва омӯзгорони кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети №2 ба лектор оид ба баъзе масъалаҳои истифодаи натиҷаҳои ФОҶ дар рафти мурофиаи ҷиноятӣ савол пешниҳод намуда, ҷавобҳои мушаххас гирифтанд.

*Шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашр*

# Дирӯз, имрӯз ва фардои ҳуқуқи инсон

Бо мақсади амалӣ намудани банди 16 фасли 4 "Нақшаи фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023" ва бо мақсади дарку фаҳм ва баланд бардоштани ҷаҳонбиниву сайқал додани савияи дониши курсантон, санаи 19-уми апрел бо ташаббуси ҷамъияти илмии курсантони кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 бо номи "Давлатшиносони ҷавон", мизи мудаввари илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи "Ҳуқуқи инсон: дирӯз, имрӯз ва фардо" баргузор гардид.



Дар чорабинии мазкур сардори факултети №2, н.и.ҳ., дотсент, подполковники милитсия Мансурзода А.М., котиби Шӯрои олимони Академия, н.и.ҳ., дотсент, полковники милитсия Абдурашидзода А.А., сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2, н.и.ҳ., подполковники милитсия Каримзода У.К., сардори кафедраи фанҳои ҷамъиятии факултети №2, н.и.с., дотсент, подполковники милитсия Муҳаммад С. А., ходими калони илмии Шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашр капитани милитсия Расулзод Л.Х, омӯзгорони кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ Солеҳзода Ф.Ф., Қодирзода Ғ.Н., Ҷалолзода С.И., Маҳинаи Нуралӣ, Қурбонзода Ҷ.Ғ., Иброҳимзода Д.Қ., ҳамзамон роҳбари маҳфили илмии "Давлатшиносони ҷавон" капитани милитсия Фахриддинзода Ҳ.С. ва аъзои маҳфили илмӣ - курсантони курсҳои якуму панҷуми факултетҳои №2 ва №6 фаъолона иштирок намуданд.

Мизи мудаввари илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи "Ҳуқуқи инсон: дирӯз, имрӯз ва фардо" бо суханони ифтитоҳии сардори факултети №2 подполковники милитсия А. Мансурзода оғоз гардид.

Мавсуф аз ташрифи ҷамъомадагон изҳори қаноатмандӣ намуда, изҳор дошт, ки яке аз масоили глобалии давлатҳои сайёра арҷгузорӣ ба инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ мебошад. Зеро ҳуқуқу озодиҳои инсон яке аз арзишҳои муҳими башарӣ шуморида шуда, эҳтиром гузоштан ба онҳо вазифаи ҷомеаи инсонӣ мебошад.

Сипас, дар идомаи нишаст оид ба мавзӯъҳои "Нақши мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини механизми ҳимояи ҳуқуқи инсон", "Ҳимояи ҳуқуқи инсон аз ҷониби Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх", "Принсипҳои байналмилалӣ таъминкунандаи ҳуқуқи инсон", "Ҳуқуқи зан ва модар", "Мақом ва манзалати парчам дар таърих ва тамадуни тоҷикон", "Ташакули идеяи миллӣ ва ҳувияти миллӣ дар шароити Истиқлолияти давлатӣ" ва "Рамзҳои сиёсӣ ва мақоми онҳо дар раванди бунёди давлатдории миллӣ" маърӯзаҳо карда шуд.

Дар охири семинар аз ҷониби курсанти курси якуми факултети №2 милитсияи қаторӣ Манучеҳр Шарифов қироати шеър карда шуд.

***У. Олим***

# Забономӯзӣ



Забони англисӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ яке аз забонҳои бузургтарини ҷаҳон ба шумор рафта, шумораи одамоне, ки дар ҷаҳон бо он гуфтугӯ менамоянд, зиёда аз 1,5 миллиард мебошад. Забони англисӣ дар 58 кишвари дунё мақоми давлатӣ дорад. Забони англисӣ ба яке аз шохаҳои забони олмонӣ шомил буда, дар маҷмӯъ ба оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ дохил мешавад. Забони англисиро зиёда аз 90% мардуми ИМА, Британияи Кабир, Австралия ва Канада истифода мебаранд.

Забони англисӣ забони ҷаҳонӣ эътироф шуда, зиёда аз нисфи кишварҳои дунё бо ин забон дар донишгоҳу марказҳои таълимӣ ба мардум дарс меомӯзонанд.

Дар Тоҷикистон низ дар радифи забони давлатӣ ва дигар забонҳо, ба омӯзиши ин забони байналмилалӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир карда мешавад. Аз ҷумла, дар кишвари мо "Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030", тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2019, таҳти №438 қабул гардидаву мавриди амал қарор дорад.



Дар ин замина ва ҷиҳати азхудкунии забони англисӣ, санаи 23-юми апрел аз ҷониби профессори кафедраи забонҳои факултети №2 подполковники милитсия Зиёратшозода М.З. дарси намунавӣ аз фанни забони англисӣ дар курси якум дар мавзӯи "To have" дар замони гузашта баргузор гардид. Дар ин машғулияти омӯзишӣ муовини сардори шуъбаи таълим полковники милитсия С. Аҳтамшозода, дотсенти кафедраи амнияти иттилоотӣ ва технологияҳои рақамии факултети №5 подполковники милитсия Ф. Ташрифзода ва чанде аз омӯзгорони ҷавон иштирок карданд.

Дарси намунавӣ дар сатҳи баланди методӣ гузаронида шуда, савияи забондонии курсантонро афзун намуд.

***Б. Асламов***

# Тамошои Осорхонаи миллии Тоҷикистон



Осорхонаи миллии Тоҷикистон таърихи зиндаи чандинасраи миллати соҳибтамаддуни тоҷик ба ҳисоб рафта, ба сифати воситаи муҳимтарини тарбиявӣ ва ҳадафи рушди тафаккури таърихии ҳар як шаҳрванд баромад менамояд. Огаҳӣ ёфтан аз дастовардҳои фарҳангӣ-таърихии миллат ба ҳисси меҳанпарастӣ ва ватандӯстии ҳар як шахс мусоидат намуда, инсонро дар руҳияи эҳтиром ба таърихи аҷдодии хеш тарбия менамояд.

Дар иртибот ба ин масъала, дар доираи Нақша-чорабиниҳои Шӯрои куратрони Академия, курсантони курси 2 зери сарпарастии подполковники милитсия Нуриддинзода С.Н., курсантони курси 3 зери сарпарастии подполковники милитсия Раҳимзода Д.М. ва курсантони курси 4 зери сарпарастии полковники милитсия Шарифзода В. аз Муассисаи давлатии "Осорхонаи миллии Тоҷикистон" дидан намуданд.

Омӯзгорон ва курсантон зимни тамошои толорҳои осорхона бо таърихи фарҳанг, расму анъана ва суннатҳои миллии тоҷикон шиносоии бештар пайдо карда, донишу маърифати худро дар самти худшиносию худогоҳии миллӣ ва ифтихори ватандорӣ ғанитар гардониданд.

Зимни боздид аз Осорхонаи миллӣ диққати хайати афсарону курсантонро толори махсуси туҳфаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бозёфтҳои қадима аз "Тахти сангин", "Саразм", "Ҳулбук" ва дигар маконҳои таърихӣ, ки зимни кашфиётҳои бостоншиносӣ пайдо гардида, аз таъриху тамаддуни қадимаи миллати тоҷик гувоҳӣ медиҳанд, ба худ ҷалб намуданд.

Ҳайати тамошобинон ба роҳбарияти Академия ҷиҳати мусоидат намудан барои боздид аз осорхона ва ба масъулини осорхона ҷиҳати роҳнамоии сатҳи баланди шиносоӣ ба бозёфту кашфиётҳои таърихӣ миннатдории хешро изҳор намуданд.

*У. Олим*

# Курсантон дар Китобхонаи миллӣ



Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани сиёсати фарҳангии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дастуру супоришҳои роҳбарияти ВКД оид ба боз ҳам баланд бардоштани маданияти суханварӣ ва дарxости Муассисаи давлатии "Китобхонаи миллӣ", бо ташаббуси Шӯрои кураторони Академия таҳти сарварии раиси он подполковники милитсия Самиъзода Бахтиёр Салим бо курсантон ва сарпарастони гурӯҳҳои таълимӣ тайи ду рӯз дар маросими Рӯзи "Дарҳои боз"-и Китобхонаи миллӣ иштирок намуданд.

Ин ҳайати калони Академия аз 3 толори намоишгоҳҳои китоб: Осорхонаи китоб, Китобҳои давраи Истиқлол ва Китобҳои нав, аз наздик шинос шуданд.

Ёдовар мешавем, ки Китобхонаи миллӣ дорои 25 толор, 10 миллион нусха китоб, 36 шуъбаву марказ буда, аз ҷумлаи калонтарин китобхонаҳои Осиёи Марказӣ маҳсуб меёбад. Ҳамчунин, китобхона бо таҷҳизоти муосири технологӣ, воситаҳои электронӣ ва толори Интернет муҷаҳҳаз мебошад.

Курсантон, ки аъзои доимии Китобхонаи миллӣ мебошанд, бо тамоми ҷабҳаҳои фаъолияти ин махзани илму дониш аз наздик шинос шуданд.

Бояд тазаккур дод, ки шахсан сардори Академия, д.и.х., дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ барои баланд бардоштани маънавиёти курсантону омӯзгорон дар ташкили чунин чорабиниҳои фарҳангӣ пайваста саҳмгузор буда, тадбирҳои тарбиявӣ ва илмӣ-фарҳангӣ меандешад.

*Б. Асламов*

# Форуми байналмилалии "Рӯзҳои илми ҷавонон"

Дар чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ на танҳо профессорону омӯзгорони Академия, балки курсантону шунавандагони он низ фаъолона иштирок менамоянд. Аз ҷумла, аз 3-юм то 7-уми апрел дар Донишгоҳи ВКД Федератсияи Россия дар шаҳри Краснодар, ки Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо он аз соли 2017 ҳамкории зич дорад, форуми илмии "Рӯзҳои илми ҷавонон" баргузор гардид. Дар ин чорабинӣ курсантони Академия иштирок ва баромад карданд.

Рӯзи 5-уми апрел курсанти курси 1 факултети №2 Маснавӣ Хочаев дар кори мизи мудаввари байналмилалӣ таҳти унвони "Пешгирии ҷалби ҷавонон ба иттиҳодияҳои харобиовар" иштирок намуда, бо маърӯза дар мавзӯи "Таъсири гурӯҳҳои террористӣ ба тафаккури ҷавонон" баромад кард. Бояд гуфт, ки роҳбари илмии курсанти номбурда омӯзгори кафед-




раи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 майори милитсия Маҳинаи Нуралӣ мебошад.

Дар кори мизи мудаввар, ҳамчунин курсантони Донишкадаи ҳуқуқшиносии ВКД Ҷумҳурии Беларус дар шаҳри Могилёв, Академияи ВКД Ҷумҳурии Қазоқистон дар шаҳри Қарағанда, муассисаҳои таълимии низоми мақомоти корҳои дохилии Федератсияи Россия иштирок намуданд.

Дар рафти мизи мудаввар масъалаҳои гуногуни марбут ба пешгирӣ намудани рафтори номатлуби ҷавонон, омилҳои таъсиррасони муҳити интернет, ки ба паҳншавии ҷаҷрафторӣ дар байни ҷавонон мусоидат менамояд, имкониятҳои тарбиявии арзишҳои маънавию ахлоқӣ дар ташаккули ҳисси ватандӯстӣ миёни ҷавонон мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

*Шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашр*

# Хатми курсҳо барои кормандони самти оперативӣ

Яке аз соҳаҳои мустақили илми кишвар соҳаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад, ки маҳз дар замони Истиқлоли давлатӣ ба асосҳои бунёдии он заминаҳои воқеӣ гузошта шуда, аз доираи соҳаи фаъолияти амалӣ ба бахши муҳими илм мубаддал гардидааст.

Дар фаъолияти ҳамарӯзаи кормандони раёсату шуъба ва шуъбачаҳои дахдлори ВКД самти мазкур калидӣ буда, муҳиммияти он рӯз то рӯз боло рафта истодааст. Дар ин ҷода, нақши бевоситаи Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.ҳ., профессор, генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро ва муовини аввали Вазири корҳои дохилӣ генерал-лейтенанти милитсия Аламшозода Абдураҳмон Аламшо мақоми шоиста дорад.

Маҳз муҳиммият ва мубрамияти масъала гузаронидани чорабиниҳои зиёдеро пайваста тақозо дорад ва ҳамин аст, ки тӯли се-чор соли охир дар Академия курсҳои кӯтоҳмуддат, мулоқоту вохӯриҳои сатҳи гуногун, конфронсу семинар ва маҷлисҳои алоҳида бо ҷалби кормандони самти оперативӣ мунтазам гузаронида мешаванд, ки дар маҷмӯъ, барои такмил додани савияи дониш ва малакаву маҳорати кормандони ин самти муҳим ва роҳбарони он, дар доираи масъалаҳои танзим ва ҳамкории воҳидҳои оперативии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷодаи пешгирӣ ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, мусоидат кардааст.

Дар рафти машғулиятҳо дар Академия на танҳо омӯзгорони кафедраҳои ташкили тактикаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятӣ, инчунин му-



тахассисони таҷрибадори раёсатҳои дахлдори ВКД саҳми калон мегузоранд.

Мутобиқи нақшаҳои таълимие, ки аз ҷониби Вазири корҳои дохилӣ ба тасвиб расидаанд, дар ин муддат бо лексияҳои пурмазмун ва суҳбатҳо дар ин машғулиятҳо олимони соҳа ва мутахассисон дар мавзӯъҳои гуногун ва мубрами рӯз баромадҳо карда, таваҷҷуҳи шунавандагонро ба баъзе масъалаҳои ҳалталаби соҳа ҷалб сохтаанд ва барои дар оянда мукаммал сохтани қонунгузории самти ФОҶ пешниҳод ва тавсияҳои ҷолиброро иброз намуданд.

Дар ин муддат, хусусан олимону мутахассисони соҳа: Раҳимзода Р.Ҳ., Аламшозода А.А., Шарифзода Ф.Р., Аҳтамшозода С.А., Амруддинзода М.А., Абдулло А.Р., Ҳайдарзода З.П., Қосимов Ф.М., Сафарзода Ҳ.С., Сатторзода Б.Б., Шамсуллозода А., Шарифзода У.Ш., Маъруфиён Б.М., Баротзода С., дар миёни шунавандагон таассуроти хуб ба ёдгор гузоштааст.

Ҳамзамон, бояд ёдовар шуд, ки дар асоси фармоиши Вазири корҳои дохилӣ, инчунин кормандони таҷрибадори соҳа низ ҷалб карда шудаанд: Солиев К.Ҳ., Бухоризода М.Ғ., Маҳмадализода Ф., Ҳасанзода Н.Э., Назарзода Б.Б., Маҳмадзиёев Ф.О., Раҷабзода Ҳ.П., Қурбонзода Т., Шарифзода Т.И., Ҳабибуллоев С.С., Назриев Ш.Ҷ., Қаландарзода С.Н. ва дигарон, дар ин курсҳо донишҳои назариявӣ ва амалиро ёдрас намуда, ҷиҳати боз ҳам тақвият бахшидани таҷрибаи амалии кормандон ва масъулони соҳа заҳмати зиёд мекашанд.

Маҳз дар ин машғулиятҳо мушкилиҳои зиёд, аз нигоҳи касбӣ, таҳлилӣ ва тадқиқӣ мавриди баён гашта, роҳи ҳалли хешро меёбанд.

Аз 4-ум то 23-юми марти соли равон, дар заминаи факултети ФОҶ (факултети №6) барои аз худ намудани барномаи такмили ихтисос дар самти мазкур як зумра кормандони самти оперативӣ ҷалб карда шуданд, ки дар маҷмӯъ, курсҳои кӯтоҳмуддат барояшон бомуваффақият ба анҷом расид.

Баъди ҷамъбасти он, дар ҳузури муовини якуми Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-лейтенанти милитсия Аламшозода А.А., як қатор кормандон барои нишон додани дониши хубу аъло бо Ифтихорномаҳо сарфароз гардонида шуданд.

***Ш. Убайдуллоев***

# Ҳифзи арзишҳои миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ

Бо мақсади аз худ намудани мактаби давлатдории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти ватандӯстӣ, худшиносиву худогоҳӣ, ифтихори миллӣ, садоқат ба касбу савганд ва муқовимат ба терроризму ифротгароӣ, аз ҷониби Шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашри Академия мизи мудаввар ташкил карда шуд.





Дар чорабинии мазкур роҳбарият, ҳайати профессорону омӯзгорон ва шунавандагону курсантон иштирок намуданд.

Дар мизи мудаввар курсантон дар мавзӯъҳои гуногун баромад карданд.

Ҳар як иштирокчии чорабинӣ доир ба маърӯзааш пешниҳодҳои худро иброз намуд.

***У. Олим***

# Конференсияи байналмилалии муқовимат ба экстремизм



10-уми апрел I-умин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи "Муаммоҳои актуалии мубориза бо экстремизм ва терроризм" бахшида ба хотираи доктори илмҳои фалсафа, профессор И.Ю. Сундиев дар шакли маҷозӣ гузаронида шуд, ки ташкилкунандаи он Институти умумироссиягии илмӣ-таҳқиқотии ВКД Федератсияи Россия буд. Дар ин чорабинии сатҳи баланд мутахассисони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон низ иштирок намуданд.

Бо сухани ифтитоҳӣ сардори институти номбурда, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, генерал-лейтенанти политсия Кожокар В.В. ва мушовири роҳбари Кумитаи марказии зиддитеррористии Федератсияи Россия генерал-лейтенант Илин Е.П. баромад намуданд.

Бояд гуфт, ки доктори илмҳои фалсафа, профессор, академики Академияи россиягии илмҳои табиатшиносӣ Игор Юревич Сундиев, президенти Ассотсиатсияи россиягии криминологӣ, ходими илмии маркази №2 оид ба таҳқиқоти илмии таъмини оперативӣ-ҷустуҷӯии мубориза бо ҷиноятҳои Институти умумироссиягии илмӣ-таҳқиқотии ВКД Федератсияи Россия буд. Ӯ муаллифи даҳҳо китоби илмӣ, монография, воситаҳои таълимӣ, инчунин мақолаҳои илмӣ ва таҳлилӣ буда, моҳияти ҷиноят ва инъикоси онро дар гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ баррасӣ намудааст. И.Ю. Сундиев, аз ҷумла зарурати таълими рақамиро бо мақсади таъмини амнияти психологии шахсӣ исбот кардааст.

Дар конференсияи мазкур мутахассисони соҳаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи ВКД-ҳои Россия, Беларус, Узбекистон, Қазоқистон ва Озарбойҷон, инчунин кормандони амалии мақомоти корҳои дохилии Россия бо маърӯзаҳо баромад карданд. Дар рафти чорабинӣ масъалаҳои гуногуни муқовимат ба экстремизм, моҳияти он, ҷиҳатҳои криминологию психологӣ, инчунин истифодаи қувваҳои гуногун ҷиҳати пешгирии ҳаракатҳои экстремистию террористӣ баррасӣ карда шуданд.

Дар конференсияи мазкур, ки тариқи маҷозӣ гузаронида шуд, профессори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия Сафарзода Ҳ.С. бо маърӯза дар мавзӯи "Масъалаҳои муқовимат ба экстремизм дар давлатҳои Осиёи Марказӣ ва самтҳои асосии мустаҳкам намудани ҳамкорӣ дар он" баромад намуд.

***Шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашр***

**Ҳаргиз ва дар ҳеҷ ҳолат набояд худро танқид кард.**
**Бриҷит Бардо**



# Забон донӣ - ҷаҳон донӣ



Паёми навбатии Асосгузори сулху ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саршори ҳидоятҳои дурандешона ва далелу муътамадҳои ифтихорангез аст. Пешвои маҳбуб дар ин роҳнамо роҳи дар замони соҳибистиқлолӣ тайкардаи Тоҷикистони азизро хеле рӯшану омӯзанда таҳлил карда, вазифаҳои ояндаи Ҳукумати Тоҷикистон ва халқи ободгари онро ба ҳамагон нишон доданд. Яке аз таъкидҳои мунтазами Сарвари давлат ин омӯзиши забонҳои хориҷӣ буд. Дарвоқеъ, барои ҳар миллати мутамаддину соҳибфарҳанг пеш бурдани тамоми илмҳои муосир зарур аст. Бахусус омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла англисӣ ва русӣ, ки дар ҳоли кунунии ҷаҳонишавӣ ва пешрафти бесобиқаи илму техникаву технология заруру ҳатмист.

Забони англисӣ аз бузургтарин забонҳои дунё ва яке аз шаш забони кории Созмони Милали Муттаҳид мебошад. Имрӯз қариб панҷоҳ фисади маҳсулоти истеҳсолкардаи мамлакатҳои олам, ки дар бозорҳои ҷаҳон ба фурӯш бароварда мешаванд, албатта бо забони англисӣ нишондоду дастурамали фаровон доранд. Инсон агар ин забонро ба таври даркорӣ надонад, ашёи харидаашро ба таври лозимӣ истифода бурда наметавонад. Бинобар ин беҳуда нест, ки забони англисиро "забони илму техникаи ҷаҳонӣ" меноманд.

Пас аз мунташир шудани Фармони Президенти мамлакат "Дар бораи такмили таълими забонҳои англисӣ ва русӣ" (соли 2003) ва "Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2010" ва Барномаи нави то соли 2030, таълим ва омӯзиши ин забонҳо ҷараёни тоза пайдо кард.

Пешвои миллати мо дар ин хусус бо камоли дилсӯзӣ мефармоянд: "Донистани забонҳои дигар, махсусан забонҳои русӣ ва англисӣ барои наврасону ҷавонони мо зарурати воқеии рӯз аст. Аммо ин тамоюл набояд сабаби ба забони шевои тоҷикӣ роҳ ёфтани унсурҳои нозарурии бегона гардад. Аз ин рӯ, мо дар оянда низ дар самти ҳифзу гиромидошт, тозагии забони давлатӣ ва рушди ҳамаҷонибаи он ҳамаи иқдомоти заруриро амалӣ хоҳем кард".

Дар робита ба гиромидошти забони модарии мо шоири муосири тоҷик Аскар Ҳаким фармуда, ки мо бояд ҳар як маънои калимаи тоҷикиро омӯзем.

Лоиқи зиндаёд мегӯяд, ки касе онро надонад, шири модар бар ӯ заҳр аст.

Устод Айнӣ мегуфт, ки ин забони ноб ва ҷонгудоз аст.

Муъмин Қаноат мегӯяд, ки ин забон пур аз меҳру ҷавҳар аст.

Фарзона забони модариро ба меҳан монанд мекунаду Гулрухсор ба ҳастии миллат шабоҳат медиҳад.

Дарвоқеъ, бо тақозои замон имрӯз ҳар як фарди бедордил бояд барои ғанӣ намудани забони модарӣ ва омӯхтани забонҳои хориҷӣ кӯшиш ба харҷ дода, ҷиҳати баланд бардоштани маърифатнокии худ саъю талош варзад. Бахусус, ба омӯзиши забони англисӣ ҳамчун забони муоширати байналмилалӣ низ эътибори аввалиндараҷа диҳад. Дар ҷаҳони техникаву технология имрӯз забони англисӣ ҳамчун забони ҳукмрон маҳсуб меёбад.

Аз ин рӯ, тибқи талаботи ҷории Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади омӯзиши забонҳои хориҷӣ, хосатан забони англисӣ, сайқал додани қобилияти сухандониву суханронӣ ва васеъ гардонидани доираи андешаву тафаккур ва ҷаҳонбинии кормандони милитсия мавзӯи омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар маркази диққат қарор дорад. Ҳатто дар қисму воҳидҳои Қувваҳои Мусаллаҳ низ бо афсарону аскарон аз ҷониби мутахассисони соҳа тадрис аз фанни забони англисӣ ҳамчун забони хориҷӣ ба роҳ монда шудааст. Омӯхтани забони англисӣ, ки аз зумраи забонҳои муоширати байналмилалӣ ба ҳисоб меравад, барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар тақозои замон аст. Барои дастрас ва аз худ кунии маълумоти зарурӣ оид ба самтҳои мухталиф, аз ҷумла илму фарҳанг, тартиби самаранок истифодабарии техникаву таҷҳизотҳои навин ва бартараф кардани ягон нофаҳмой дар раванди фаъолияти корӣ донистани забони англисӣ бисёр ҳам муфид мебошад.

Ҳамчунин, ба ҳамагон маълум аст, ки рушди соҳаи сайёҳӣ самти афзалиятноки сиёсати давлатамон ба шумор рафта, шумораи сайёҳони хориҷӣ сол то сол дар тамоми гӯшаву канори Тоҷикистони маҳбуб зиёд гардида истодааст ва барои бо ин меҳмонони хориҷӣ муоширати хуб карда тавонистану ба пурсишу саволҳояшон посух додан, додани маълумоти зарурӣ ба корафтодагон ва расонидани кумак ба сайёҳони ниёзманд, донистани забонҳои муоширати байналмилалӣ барои ҳар як корманди мақомоти корҳои дохилӣ муҳим мебошад.

Умуман, инкишофи забон бо ҳаёти одамизод алоқаманд аст, инсон дар зиндагӣ чӣ қадар пеш равад, забон ҳамон қадар лозим мешавад.

Зимнан, дар шароити имрӯзаи бисёрзабонӣ, иқтисоди бозаргонӣ ва ривоҷи муносибатҳои байналхалқӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро шумораи зиёди давлатҳои олам ба некӣ ва расмият шинохта, бо он рафтуомаду робитаҳои хубро ба роҳ мондаанд, аз худ намудани забонҳои русӣ ва англисӣ ҳамчун забонҳои муоширати байналмилалӣ аз манфиат холӣ нест.

Мусаллам аст, ки ҳамаи забонҳо аз ҷиҳати баромади иҷтимоӣ ва қаробати хеш ба ҳам алоқа доранд, вале ҳар як забон махсусияти худро дорад. Он сарчашмаи нодири сухан аст, барои ҳамдигарфаҳмӣ, тасвир ва ифодаи ҳақиқат нақши асосӣ мебозад.

***Зарипзода Баҳром Саидҷаъфар,***
***курсанти курси 2 факултети №2***



**МУАССИС:**
Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Раҳимзода Р.Ҳ.**
*Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**Шарифзода Ф.Р.** *Сардори Академияи ВКД*
**Ализода А.Ш.** *Муовини аввали сардори Академияи ВКД*
**Раҳмадҷонзода Р.Р.** *Муовини сардори Академияи ВКД*
**Собирзода А.Ҷ.** *Муовини сардори Академияи ВКД*

*САРМУҲАРРИР:* **Умед Олим**
*ХАБАРНИГОР-СУРАТГИР:* **Шавкат Убайдуллоев**
*ТАРРОҲ:* **Муҳаббат Рашидова**

Барои истифодаи матолиби нашрияи "Набзи милитсия" нишон додани манбаъ ҳатмист.

Нашрия аксҳо ва бархе матолибро аз шабакаи ҷаҳонии Интернет истифода мебарад.

Аксҳо ва дастнависҳои ба идораи нашрия воридшуда ба муаллифон баргардонда намешаванд.
Маводҳои дастнавис қабул карда намешаванд.

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №242/РЗ-97 аз 12 апрели соли 2021 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

**НИШОНӢ:**
734025, ш. Душанбе, кӯчаи Мастонгулов, 3.

**Телефонҳо:**
226-60-43 (факс),
226-60-42, 226-60-60, 907-50-37-45

Нашрия дар чопхонаи «Мега-принт» аз чоп баромад.

Адади нашр: 500 нусха